# ПРОТОКОЛИ № 6

мачлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

11 июли соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар

**Раиси шуро: Бобоев Х.Ю.**

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд тасдиқгардида 12 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX - ибтидои асри XXI)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 Таърихи ватанӣ)

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ узви шуро, д.и.т. Тиллоев С.С. ва аъзои комиссия доктори илмҳои таърих Қобилова Б.Т. ва доктори илмҳои таърих Қурбонова Ш.И. оид ба шиносии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX - ибтидои асри XXI)" ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимояи такрорӣ қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX - ибтидои асри XXI)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 Таърихи ватанӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсия Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX - ибтидои асри XXI)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Ҳотамов Намоз Басарович - доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

- Маҳмадзода Убайдулло Давлат - номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори раёсати таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи такрорӣ 23 сентябри соли 2025, соати $10{:}^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор - 12, муқобил - нест, бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои таърих Х.Бобоев

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ доктори фалсафа (PhD)
аз рӯйи ихтисоси таърих Ш. Мирзоев

11.07.2025